Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти бозоргонӣ шаклҳои гуногуни фаъолияти якҷоя васеъ паҳн шудаанд. Соҳибкорон шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) – ро барои муттаҳид намудани нерӯ ва моликияти худ дар ҳалли масъалаҳои муштарак истифода мебаранд. Шартномаи фаъолияти якҷоя воситаи универсалӣ аст, ки имкон медиҳад ҳам дар соҳаи муомилоти гражданӣ ва ҳам дар соҳаи соҳибкорӣ татбиқ карда шавад, инчунин, барои ҳалли вазифаҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддат нигаронида шудааст. Чун қоида шартномаи фаъолияти якҷоя дар сохтмони муштараки бино, иншоот, корхонаҳо, роҳҳо, инчунин, биноҳои истиқоматӣ бо муттаҳид намудани ҳиссаҳои шарикон, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун набошад, баста мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад бевосита ба таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Таъминоти ҳуқуқии шартномаи фаъолияти (ширкати одӣ)» муаллиф масъалаҳои бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя, муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз чунин шартномаҳо ба вуҷуд меоянд ва таҳқиқи муқоисавӣ – ҳуқуқии

шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя алоқамандро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Табиати ҳуқуқии шартномаи фаъолияти (ширкати одӣ)» ном дорад, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷоя, вазъи ҳуқуқии тарафҳои чунин шартнома ва асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи фаъолияти якҷояро таҳқиқ намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти комили илмӣ дар самти шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маъруза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи ҳуқуқии инҳисории табиӣ дар умум баррасӣ шудааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Яке аз санадҳои муҳимми соҳаи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсияро зарур меояд, ки дар таҳқиқоти худ дар ин самт бояд мавқеи худро дақиқ муайян намояд ва рушди институти шартномаи

фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) – ро бо назардошти самтҳои афзалиятноки ин санадҳои муҳимми мукаммалгардонии қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ тавсеа бахшад.

Эроде, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода И.Ш.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Н. Қарабоев 1, Тел: (+992 237) 233-89-91, 233-83-62. E-mail: (http://www.sudioli.tj) sud.tj**

**Имзои “Мирзозода И.Ш.-ро тасдиқ мекунам”**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** Додозода А.М.